# «Бозгашт»



*«Ҷоло бошад ман хеле хушбахт аз онам, ки бо дастгирии ташкилоти СФШҒ-Тоҷикистон ман дар ҳаёт ҷастам ва аз он шод мебошам» - мегӯяд Виталий*

Виталии 45 сола мегӯяд: «*Ҳайёти ман аз ду давра иборат аст. Қисмати аввали ҳайётам пур аз ҷушӯ хурӯш ва талош барои илму дониш касбу ҳунар ва ташкили ҳаёти мустақилона буд. Таҳсили баъди мактабиамро дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳри Амвросиевкаи вилояти Донетски Ҷумҳурии Украина оғоз кардам. Сипас хизмати ҳарбиро дар дивизияи 201-ӯми қушунҳои сарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давом дода, соли 1993 хизматро хатм намудам. Баъди хизмат, азбаски шароити зиндагӣ душвор буд, ба хариду фурӯши чакка ва кабудиҳо оғоз кардам. Рӯз то рӯз савдо пуравҷ мешуд, даромади хуб ба даст меовардам. Кам-кам ёру рафиқонам манро барои дилхушӣ ба нӯшидани маводҳои спиртӣ даъват мекарданд. Рӯзе дар як вохӯрӣ дӯстонам ба ман пешниҳоди санҷидани героинро карданд. Масъалае, ки маро ба ташвиш меовард ин гузаронидани сӯзандору буд, чунки ман дар ҳайётам аз даврае, ки худамро мешиносам ягон маротиба сӯзандору нагузаронидаам. Ба ман арзиши мавод аҳамияте надошт. Чунки ба қадри кифоя маблағ доштам, чунки метавонистам, якбора ҳамаи лозимиҳои маводро харидорӣ кунам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Баъд аз он, ки бори аввал мавод истифода кардам ва дидам, ки дигар бе ин мавод наметавонам, маводро харидорӣ кардан гирифтам. Шумораи рафиқонам дар як ҳафта тақрибан ба чил-панҷоҳ расид. Барои болидахотирии дӯстонам қариб ҳар ҳафта мавод харидорӣ мекардам. Аз савдо даст кашида будам, маблағҳои доштаамро сарфи мавод кардам. Дигар барои харидории мавод пул намонд. Сафи дӯстонам кам шуд ва дар охир худам танҳо мондам.Ин буд қисмати аввали ҳайёти ман*».

Виталий суханашро давом дода мегӯяд: «*Давраи хушиҳо гузашт, давраи азобу ранҷу дард фаро расид. Ҳамон дӯстоне, ки бо ман мавод истифода мебурданд, аз ман рӯй гардонданд ва танҳо бо дарду сӯзиши аъзои баданам мондам. Касе набуд, ки дастгириям кунад. Барои дарёфти мавод маҷбур шудам, ки даст ба дуздӣ занам. Соли 1999 барои дуздӣ маро панҷ сол аз озоди маҳрум карданд, вале хушбахтона авфи умумӣ эълон шуд ва маро аз толори суд озод карданд. Баъди се моҳ барои дуздӣ ба мӯҳлати панҷ сол аз озодӣ маҳрум карданд. Ин дафъа бади се сол бо сабаби бемории сил аз муасисса озод шудам. Баъди ба озодӣ баромадан оиладор шудам ва бо ҳамроҳии оилаам ба Русия рафтам. Соли 2014 аз оилаам ҷудо шудам ва аз Руссия депорт шудам. Аҳволи саломатиам рӯз ба рӯз бад мешуд. Рӯзе бо корманди саҳроии AFEW-Тоҷикистон дар ш.Бохтар вохӯрдам ва ӯ ба ман оиди табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон (ТҶЁ) маълумот дод. Лекин ҳамон вақтҳо ман барои ин табобат тайёр набудам. Рӯзона ва баъзе вақтҳо шабона дар бозори Ҳоҷи Шариф кор карда, маблағи ёфтаамро барои маводи героин сарф мекардам. Гарчанде, ки дар хона модари пирам касалманд хоб буд, ман танҳо дар фикри дарёфти мавод будам. Зиёда аз 10 кило вазни баданам кам шуда буд. Аввали моҳи июли соли 2018 бо корманди*

*AFEW-Тоҷикистон вохӯрдам ва худам аз ӯ хоҳиш кардам, ки маро дастгирӣ кунад. Бо дастгирии ин ташкилот аз ташхисҳои тиббӣ гузаштам, маълум шуд, ки ман инчунин бо сирояти ВНМО низ гирифтор шудаам. Бо маслиҳатҳои кормандони Намояндагӣ ба барномаи ТҶЁ дохил шудам, ба гирифтани доруҳои зидди ретровирусӣ (ЗРВ) шурӯъ кардам. Бо мақсади расонидани ёри ба шахсони ба ҳолатҳои душвори зиндагӣ мисли ман гирифтор шуда, ба аъзои Шӯрои намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолии Намояндагии AFEW-Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дохил шудам. Ҳоло бошад ман хеле хушбахт аз онам, ки бо дастгирии ташкилоти СФШҒ-Тоҷикистон ман дар ҳаёт ҳастам ва аз он шод мебошам».*